**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шарифов Шодиқул Ҳасанович дар мавзўи «Поэтика ва масъалаҳои матншиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рўи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ.**

Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султон Валад фарзанди бузурги Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз зумраи шахсиятҳои таъсиргузор дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки нақши муҳиме дар ҳаёти Мавлоно ва ҷамоварии осори ӯ дорад. Мавсуф дар миёни пайвандони Мавлоно танҳо касе аст, ки бо эҷоди осори адабии манзуму мансур тариқати шоирони мавлавияро асос гузоштааст. Шинохту баррасии осор, андешаву афкори ӯ аҳамияти фаровоне дар мутолиоти мавлавишиносӣ ва таърихи адабиёти давр дошта, омўхтани меросии адабии вай аз лиҳози матншиносӣ ва поэтикӣ манзараи ташаккулёбии мактабии шоирии Мавлоноро пеши назари аҳли таҳқиқ рўнамо хоҳад кард.

Диссертатсияи Шарифов Шодиқул Ҳасанович, ки маҳз ба баррасии мабоҳиси рўзгоршиносӣ ва осорпажўҳии Султон Валад ва тадқиқи масъалаҳои матншиносиву поэтикии асари арзишманди ӯ «Интиҳонома» нигаронида шудааст, сохтори устувори илмӣ дошта, аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулосаҳо ва китобнома таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқи мавзўъ, дараҷаи омўзиши он, заминаҳои назариву методологӣ, тавсифоти умумии таҳқиқот ва масъалаҳои дигари тадқиқот ба шеваи комилан илмӣ баррасӣ гардидаанд.

Муҳтавои боби аввали диссертатсияро, ки аз ду фасл иборат аст, баррасии шарҳи аҳволи Султон Валад ва муҳтавои иҷтимоии осори ӯ ташкил медиҳад. Муаллиф бо истифода аз осори худи шоир ва сарчашмаҳои дастиаввал аз қабили «Рисолаи Сипаҳсолор», «Маноқибу-л-орифин» ва даҳҳо манобеи илмӣ чеҳраи Султон Валадро ба тасвири илмӣ гирифта, саҳми ўро дар таъсис ва ривоҷи тариқати мавлавия, сарҷамъ кардани муридони

Мавлоно муайян карда, вайро ба унвони нахустин гирдоварандаи осори Мавлоно, асосгузори силсилаи шоирони тариқати мавлавия муаррифӣ намуда, нуктаи назари худро бо санадҳои қотеи илмӣ ба қалам додааст. Дар фасли дувуми ин боб зимни баррасии осори манзуму мансури шоир ва нишон додани ҷавҳари ирфониву ахлоқӣ муҳтавои иҷтимоии онҳоро низ меъёри таҳқиқи осори ирфонӣ қарор дода, аҳамияти таърихӣ доштанашонро бозгӯ кардааст.

Масъалаҳои матншиносии мероси адабии Султон Валад унвони боби дувуми диссертатсияи мазкур буда, дар он перомуни нусхашиносии мероси адабии шоир бавежа «Интиҳонома» баҳсу баррасиҳои судманди имлӣ сурат гирифтааст. Аз муҳтавои кори илмӣ маълум мегардад, ки муаллиф барои ҷамъоварии маълумоти кодикологӣ ба феҳристи нусхаҳои хаттӣ муроҷиат карда, нусхаҳои хаттии осори Султон Валадро муаррифӣ намудааст. Дар фасли алоҳидае масъалаҳои матншиносии осори Султон Валад, хусусан, омехтагии ашъори вай бо падарашро ба таҳқиқ гирифта, имтиёз додани онҳоро аз ҳамдигар амри муҳим дар шинохти ҳунари шоирии Султон Валад медонад.

Дар боби сеюми рисола маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад аз лиҳози поэтика ба таҳқиқу тадқиқ фаро гирифта шуда, масъалаҳои сохту мазмун, шеъру шоирӣ аз дидгоҳи шоир, истифодаи саноати бадеӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва бозтоби андешаҳои ирфонӣ дар ин маснавӣ дар сатҳи матлуби илмӣ баррасӣ ва натиҷаҳои дуруст бароварда шудааст.

Муқоисаи матни муқаддима, хулосаҳо ва китобномаи диссертатсияву автореферат нишон медиҳад, ки онҳо мутобиқи талаботи меъёрҳои таълифи корҳои илмӣ навишта шуда, аз ягонагиву яклухтии илмӣ бархурдоранд.

Бо вуҷуди муҳассаноти илмии диссертатсия ба назар гирифтани нуктаҳои зерин ба манфиати кор аст:

1. Хуб мешуд ҳангоми баррасии масъалаҳои нусхашиносӣ аз истилоҳоти марбут ба ин соҳа ба кор гирифта мешуд.

2. Баъзе аз ҷумлаҳо тӯлонӣ ба назар мерасанд. Агар андешаҳо дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ ифода мешуд, беҳтар буд.

3. Абёти шоир дар матни фишурдаи рисола ҳамчун шоҳид агар дарҷ шавад, боз ҳам беҳтар хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Шарифов Шодиқул Ҳасанович дар мавзӯи «Поэтика ва масъалаҳои матншиносии маснавии «Интиҳонома»-и Султон Валад» таҳқиқи пурраву тамомшудаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошад.

**Муқарризон**: Ҳамроев Ҷумъақул, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илмҳои филологӣ, профессор

Ҳазраткулиён Дилшодаи Фарходзод, номзади фанҳои филологӣ, дотсент

**Суроға:** шаҳр Самарқанд, хиёбони университет, 15

**Почтаи электронӣ**:JumaHamroh@mail.ru

**Телефон**: +998915289800

Имзои Ҳамроев Ҷумъақул ва Ҳазраткулиён Дилшодаи Фарходзод

**Сардори Раёсати кадр** Ситора Абдуллоева